# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Ташкили раванди таълим дар асоси технологияҳои муосири таълим яке аз масоили муҳимми таҳсилот буда, ин раванд дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) имкон медиҳад, ки масъалаҳои таълими рушддиҳанда дар сатҳи баландтар ҳал карда шаванд. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои таълим омӯзгор бояд дониш ва методикаю технологияҳои муосири таълимро дар сатҳи баланди муносибати босалоҳият аз худ намояд, амсилаҳои иттилоотиро таҳлилу таҳия карда тавонад, бо ёрии компютер баҳогузорӣ намояд, аз уҳдаи коркарди иттилооти графикӣ барояд ва ҷадвалҳои электрониро истифода бурда тавонад.

Бо дарназардошти зарурати омӯзиши самаранокии истифодаи технологияи муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) аз ҷониби Риоев Акобир Мирзоевич муҳим ва саривақтӣ буда, бисёр пураҳаммият арзёбӣ мешавад. Дуруст аст, ки баъзе паҳлуҳои масъалаи мазкур аз ҷониби муҳаққиқон, ба монанди Т.А. Шукуров, Ш.А. Шаропов, Д.Я. Шарипова, А. Миралиев, К.Б. Қодиров, Н.Н. Шоев, Н.М. Юнусова, В.И. Андреев, Л.С. Виготский, Ж. Гурова, О. Дудина, О.Ю. Ефремов, Н.Д. Никандров, Г.В. Рогова, В.А. Сластенин, Л.М. Фридман, Д.Б. Элконин, Ю.К. Бабанский, М.А. Данилов, И.Ф. Харламов ва ғайра мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад ҳам, аммо ба таври мукаммал аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ ва методӣ асоснок намудани имкониятҳои педагогии ба кор бурдани усулҳои нави таълим дар раванди омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) дар МТМУ таҳқиқоти нав ва шоистаи таҳсин мебошад.

Риоев Акобир Мирзоевич пажуҳиши хешро дар қолаби муқаддима, ду боб, хулоса, номгӯйи адабиёт тарҳрезӣ намуда, дар қисмати муқаддима мубрам будани мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариву методологӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқу масоили дигарро баррасӣ карда, баъзе пажуҳишҳои марбут ба мавзуъро арзёбӣ намудааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 189 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, 14 расму диаграмма ва 14 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 190 номгӯй мебошад. Аз нуқтаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, мубрам ва арзиши илмиву амалӣ доштани таҳқиқро ба хубӣ метавон дарк намуд.

Дар боби якуми рисола «**Технологияи муосири педагогӣ ва масъалаҳои умуминазариявии омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат)**» ном дошта, ҷанбаҳои педагогиву психологии технологияи педагогии таълим аз ҷиҳати назариявӣ ба таври васеъ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ҳамчунин, дар фаслу зерфаслҳои боби мазкур, аз ҷумла **зербоби якум** оид ба мафҳум, моҳият ва мазмуни таълими технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баррасӣ ёфтааст. Иброз гардидааст, ки дар замони навини таҳсилот технологияи муосири таълим ҷанбаи меҳварӣ дорад, аз ин дидгоҳ пажуҳишгарони илмҳои педагогию психологӣ роҷеъ ба ин масъала таваҷҷуҳи вижа зоҳир намуда, дар шарҳу тавсили истилоҳи мавриди назар андешаҳои аниқу баҳсбарангез изҳор кардаанд. Дар **зербоби дуюм,** таҷрибаи таърихии истифодаи усулҳои педагогӣ дар таълими фанни технология (технологияи меҳнат) ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Изҳор омадааст, ки идеяи омӯзиши технологӣ ва техникикунонии таълим нав набуда, таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқони машҳури технологияҳои муосири педагогии ҷаҳон Я.А. Каменский, Ҷ. Каррол, Б. Булум, Д. Брунер, Г. Гейс, П.Я. Галкерин, ПМ. Эрдиев, В П Беспалко ва дигаронро ба худ ҷалб намуда, дар асарҳои онҳо назарияи илмӣ ва амалияи истифодаи технологияи таълим инъикос гардидааст. Дар **зербоби сеюм** «Кабинети технология ва нақши он дар ташаккули салоҳиятҳои технологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» иброз дошта шудааст, ки кабинети фаннӣ ва устохонаи таълимӣ ҷойи гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва ташаккул додани салоҳиятҳои техникиву технологии хонандагон ба шумор меравад.

Дар боби дуюми рисола «**Роҳу усулҳои самараноки таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар шароити муосир»** шартҳо ва роҳу воситаҳои самарабахши ташкили раванди таълими технология (таълими меҳнат) дар муҳити педагогии муассисаҳои таҳсилотӣ, ба вижа истифодаи технологияи инноватсионӣ, усулҳои интерактивӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) аз дидгоҳи назариявӣ асоснок гардида, аз ҷиҳати озмоишӣ санҷида шудааст.

Ба ин масъала таваҷҷуҳ намудани муаллифи рисола бесабаб набуда, истифодаи усули интерактивӣ, муносибати байни омӯзгор ва хонандагон, хонандагон бо ҳамдигар, ҳамкориҳои байниҳамдигарӣ, ки фаъолнокии онҳоро дар раванди дарс ташкил мекунад, мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст.

Дар қисмати **хулоса** бошад, андешаҳои худро дар ҳафт нуқта баён намудааст, ки ҳар кадоми онҳо дорои мантиқи қавӣ ва пояҳои илмии устувор буда, аз дониши фарох ва вусъати тафаккури илмии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Боиси қайд аст, ки рисолаи А. Риоев дорои забони салису равон буда, соҳиби он зимни омӯзишу баррасии масъалаи мавриди таҳқиқ аз адабиёти

зарурӣ мақсаднок истифода намудааст. Афкори олимонро вобаста ба мавзуъ арзёбӣ намуда, ба ҳар кадоми онҳо баҳои воқеӣ додааст. Ҳамчунин, бо олимони соҳа баҳсҳо намуда, кӯшиш кардааст, ки мустақилияти худро нигоҳ дорад ва соҳиби андешаи илмӣ будани хешро собит созад.

Чунон ки маъмул аст, дар ҳамаи таҳқиқи илмӣ, баробари дастовардҳову комёбиҳо камбудиву норасоиҳо ҷой доранд, ки дар ин миён рисолаи Акобир Риоевро наметавон истисно шумурд. Дар радифи комёбиҳои илмӣ баъзе камбудиву нуқсонҳо ба мушоҳида расид, ки зикри онҳо барои бештар гардидани ҳусни рисола, ба мақсад созгор аст.

Аксари ғалатҳои ҷойдошта дар автореферати диссертатсия ба ғалатҳои имлоӣ рабт дошта, муаллифро водор месозад, ки дар чопи автореферат ва диссертатсия ҳарчӣ зудтар ба ислоҳи он пардозад, зеро меъёрҳои навишти калима ва талаботи имлои забони тоҷикӣ бояд риоя карда шавад, аз ҷумла, изҳор кардаанд (с.15), эстетикии хонандагон (с.19), фанни технология (с.19), барои омӯзгор озмоишгоҳе мебошад (с.19), омода намодан (с.19), шаҳр Душанбе (с.22), рисола (с.26), ҷадвали (с.26), нишондиҳандаҳои рушд (с.28), кори эҷодии хонандагон (с.28), аз рӯйи иштирок (с.28), дар кори маҳфилҳо (с.28), дар ҷадвали 7 (с.28), дастури таълимӣ-методӣ (с.41).

Дар қисмати Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, банди в) монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва воситаву дастурҳои таълимии чопшуда, адабиёти зикршудаи мазкур фикр мекунам ба мавзуи диссертатсия иртибот надорад:

[30.М] Риоев, А. М. Барномаи таълимии аз фанҳои педагогика ва психологияи касбӣ барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ: Барномаи таълимӣ [Матн] / А.М. Риоев. – Душанбе, 2023. – 15с.

[31.М] Риоев, А. М. Барномаи таълимии аз фанҳои педагогика ва психологияи касбӣ барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ: Барномаи таълимӣ [Матн] / А.М. Риоев. – Душанбе, 2023. – 13с.

Фишурдаи мавриди назар муҳтавои рисоларо инъикос намудааст ва камбудиву нуқсонҳои зикргардида наметавонанд арзиши илмии онро кам созанд. Бинобар ин, ба хулосае омадан мумкин, ки муқаддима ва бобҳои рисола тавонистаанд иттилои арзишмандеро дар бораи масъалаи мавриди назар инъикос намоянд.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ҷойдошта арзиши илмии рисоларо кам накарда, диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи **«Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»**, аз рӯйи навгониҳои илмӣ

ва моҳияти амалӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста мешавад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи
таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Бозоров Хушвахт

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Ш.Шоҳин, 10/7
Тел: (+992) 985564121
E-mail: khushvakhtb@mail.ru

"Имзои Бозоров Хушвахтро
тасдиқ мекунам":
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ Давлатов Миралӣ

Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16
Тел.: +992 (3322) 2-35-06;
E-mail: info@kgu.tj;
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj
«10» «10» соли 2025